**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**
**ба диссертатсияи Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дар мавзуи «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат. – Душанбе, 2025. – 207 с.**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дар мавзуи «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумхурии Тоҷикистон аз санаи 01.04.2022 №95/шд ва 25.10.2024 №407/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ**

Таҳқиқоти диссертатсионии Зарифзода Шоҳрух Иззатулло воқеан мубрам ва ба замон мувофиқ мебошад, зеро фармонҳо ва амру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини назму суботи ҷомеа, рушди устувори давлатдорӣ, такмили низоми қонунгузорӣ ва танзими самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар нақши ҳалкунанда доранд. Раванди ташаккул ва пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол бевосита бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат алоқаманд мебошад.

Ин масъала дар шароити таҳкими давлатдории миллӣ, рушди низоми қонунгузорӣ ва густариши нақши ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ аҳаммияти махсуси назариявӣ ва амалӣ дорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарвари давлат ва Раиси Ҳукумат субъекти фаъоли ҳуқуқэҷодкунӣ буда, дар таҳия, қабул ва амалисозии

санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар фаъолияти қонунгузории Маҷлиси Олӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, нақши калидӣ мебозад. Санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат ҳамчун воситаи муҳими идоракунии давлатӣ, ташкили фаъолияти мақомоти давлатӣ ва таъмини низоми судӣ аҳаммияти махсус доранд.

Фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти мақоми конститутсионии Президент, доираи васеи ваколат ва салоҳиятҳои истисноии ӯ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқ ҷойгоҳи хос дошта, аз дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо як қатор хусусиятҳои ҳуқуқӣ фарқ мекунанд. Дар илми ҳуқуқ масъалаҳои таносуби фармонҳои сарвари давлат бо қонун, эътибори ҳуқуқии онҳо, инчунин нақши онҳо дар танзими фаврии муносибатҳои ҷамъиятии тағйирёбанда мавриди баҳсҳои илмӣ қарор доранд.

Таҷрибаи ҳуқуқии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки фармонҳои сарвари давлат то қабули қонунҳои дахлдор воситаи муассири танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ маҳсуб меёбанд. Хусусан, дар ҳолатҳои фавқулодда ва вазъиятҳои таъхирнопазир нақши санадҳои ҳуқуқии сарвари давлат аҳаммияти хос пайдо мекунад, ки масъалаи ҳадди танзими ҳуқуқии чунин муносибатҳоро мубрам мегардонад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, мавзуи диссертатсия дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ буда, таҳқиқи ҳамаҷонибаи он барои муайян намудани хусусиятҳои ҳуқуқии фармонҳои сарвари давлат, такмили қонунгузорӣ ва боло бурдани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон аҳаммияти назаррас дорад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Диссертатсияи Зарифзода Ш.И. ба таҳқиқи фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ бахшида шуда, дорои сатҳи баланди навгонии илмӣ мебошад. Навгонии натиҷаҳои таҳқиқот пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал дар илми ҳуқуқи миллӣ дар доираи мафҳумҳо ва категорияҳои умуминазариявӣ, дар иртибот бо низоми ҳуқуқ, низоми

қонунгузорӣ ва низоми ҳуқуқии давлат мавриди таҳлили мукаммал қарор дода шудаанд

Муаллиф бо истифода аз усулҳои муосири таҳлили назариявӣ-ҳуқуқӣ хусусиятҳои фармонҳои меъёрӣ, ғайримеъёрӣ ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намуда, асоснок нишон медиҳад, ки онҳо дорои табиати мураккаби ҳуқуқӣ буда, ҳамзамон унсурҳои ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва идоракунии давлатиро дар бар мегиранд. Дар ин замина, хулосаи илмӣ оид ба мавқеи махсуси санадҳои Президент дар механизми давлат ва берун аз таснифи анъанавии шохаҳои ҳокимияти давлатӣ навоварона ва дорои аҳаммияти назариявӣ мебошад.

Навгонии илмии диссертатсия инчунин дар таҳлили мазмуни меъёрии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воситаи танзими ҳуқуқии пешакӣ (то қабули қонун ё санади зерқонунӣ) ифода меёбад. Муаллиф исбот менамояд, ки чунин фармонҳо на танҳо хусусияти идоракунӣ, балки нақши созанда дар ташаккул ва рушди минбаъдаи қонунгузории миллӣ доранд. Ин равиш дар илми ҳуқуқи назариявии Тоҷикистон то имрӯз ба таври мустақил ва фарогир таҳқиқ нашуда буд.

Ба навгонии илмии таҳқиқот ҳамчунин таклифҳои муаллиф оид ба такмили қонунгузорӣ, аз ҷумла оид ба дақиқ намудани мафҳуми «фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», тағйири истилоҳот ва равшан сохтани таносуби фармонҳои меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ мансуб мебошанд. Ин пешниҳодҳо дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд дар раванди ислоҳоти қонунгузорӣ истифода шаванд.

Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, бо ҳам иртиботи мантиқӣ дошта, натиҷаи таҳлили амиқи назариявӣ ва ҷамъбасти таҷрибаи ҳуқуқии Тоҷикистон мебошанд. Онҳо бо далелҳои илмӣ асоснок гардида, навгонии илмии диссертатсияро пурра инъикос менамоянд ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.**

Хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсияи Зарифзода Ш.И. ифодаёфта дорои сатҳи баланди асоснокӣ ва эътимоднокии илмӣ мебошанд. Онҳо дар заминаи таҳлили мукаммали назариявӣ, истифодаи доираи васеи сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, асарҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин омӯзиши таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидаанд.

Асоснокии хулосаҳои илмӣ пеш аз ҳама бо он таъмин мешавад, ки муаллиф усулҳои гуногуни таҳқиқи илмиро ба таври ҳамгиро истифода намудааст. Аз ҷумла, усулҳои диалектикӣ, системавӣ-таркибӣ, таҳлили мантиқӣ-ҳуқуқӣ, шаклӣ-меъёрӣ ва муқоисавии ҳуқуқӣ имкон додаанд, ки фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун падидаи мураккаби ҳуқуқӣ дар робита бо низоми ҳуқуқ, низоми қонунгузорӣ ва механизми давлат ҳамаҷониба баррасӣ шаванд. Ин равиши методологӣ ба муаллиф имконият фароҳам овардааст, ки хулосаҳои худро бо далелҳои муътамади илмӣ асоснок намояд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин таҷрибаи амалии татбиқи онҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ тасдиқ мегардад. Хулосаҳои муаллиф ба воқеияти ҳуқуқии амалкунанда мутобиқат дошта, бо маводи эмпирикӣ ва мисолҳои мушаххас дастгирӣ шудаанд.

Тавсияҳои илмӣ-амалии пешниҳодшуда мантиқӣ аз натиҷаҳои таҳқиқот бармеоянд ва дорои хусусияти воқеӣ ва татбиқшаванда мебошанд. Аз ҷумла, пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ дар самти дақиқ намудани мақоми фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, такмил додани истилоҳот ва тартиби ҳуқуқии таҳия ва интишори онҳо, бо назардошти таҷрибаи ҳуқуқии амалкунанда ва ниёзҳои рушди минбаъдаи низоми ҳуқуқии миллӣ таҳия шудаанд.

Илова бар ин, эътимоднокии хулосаҳо бо тасвиб ва баррасии натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар ҷаласаҳои илмии кафедра, ҳамчунин бо интишори мақолаҳои илмии муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иштирок дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ собит мегардад.

Ҳамин тариқ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта аз лиҳози илмӣ пурра асоснок ва эътимоднок буда, ба талаботи муосири илми ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошанд ва метавонанд дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ, идоракунии давлатӣ ва таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ самаранок истифода шаванд.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва феҳристи нашрияҳои муаллиф иборат буда, ҳаҷмаш 207 саҳифаро ташкил медиҳад. Дар муқаддима аҳаммияти мавзӯи таҳқиқ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъала, объект ва предмети таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳо, асосҳои назариявию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастомада ба таври возеҳ муайян гардидаанд.

Дар боби якум – **«Мафҳум, намудҳо ва хусусиятҳои санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»** асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот гузошта шудаанд. Дар зербоби аввал мафҳуми санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, ҷойгоҳ ва табиати онҳо дар низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории миллӣ муайян карда мешавад. Муаллиф бо такя ба назарияҳои муосири ҳуқуқӣ хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи ин санадҳоро нишон медиҳад. Дар зербоби дуюм фармонҳои меъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун навъи махсуси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳқиқ шуда, мазмун, шакл ва эътибори ҳуқуқии онҳо дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда мешавад. Зербоби сеюм ба фармонҳои фардӣ ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, табиати ҳуқуқтатбиқкунӣ ва хусусиятҳои фарққунандаи онҳо аз фармонҳои меъёрӣ муайян мегарданд.

Ҳамин тариқ, боби якум заминаи устувори назариявӣ барои таҳқиқоти минбаъдаро фароҳам меорад.

Дар боби дуюм – **«Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ҷанбаҳои амалӣ ва функсионалии мавзуъ мавриди таҳлили амиқ қарор мегиранд. Дар зербоби якум салоҳияти маҷмуии (комплексии) ҳуқуқэҷодкунӣ ва идоракунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ шуда, муаллиф нишон медиҳад, ки фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат бо фаъолияти идоракунӣ зич алоқаманд аст. Дар зербоби дуюм хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти мақоми конститутсионии ӯ, нақш дар сиёсати ҳуқуқӣ ва идоракунии давлатӣ таҳлил карда мешаванд. Зербоби сеюм ба тартиби таҳия, интишор ва эътибори ҳуқуқии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, фарқияти он аз тартиби таҳияи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок мегардад. Ин боб аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалӣ дорад.

Дар боби сеюм – **«Нақши фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар рушди ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ»** натиҷаҳои таҳқиқот дар сатҳи таҳлили иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ҷамъбаст мегарданд. Дар зербоби якум нақши фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди низоми қонунгузорӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ нишон дода мешавад. Муаллиф исбот менамояд, ки фармонҳои сарвари давлат омили муҳими устувории ҳуқуқӣ ва ташаккули фазои ягонаи ҳуқуқӣ мебошанд. Зербоби дуюм ба нақши калидии фармонҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими асосҳои ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа бахшида шуда, аҳаммияти онҳо дар рушди иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии кишвар таҳлил мегардад.

Дар хулоса, натиҷаҳои асосии илмӣ ҷамъбаст гардида, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудаанд. Хулоса аз 15 банд иборат буда, ҳар як банд дар худ натиҷаи мустақими таҳқиқро инъикос мекунад.

Ҳамин тавр, сохтори диссертатсия мантиқӣ, муназзам ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ ҷавобгӯ мебошад, ки ин далели сатҳи баланди иҷрои кори илмӣ ва иҷрои пурраи вазифаҳои гузошташуда мебошад.

6. **Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Диссертатсияи Зарифзода Ш.И. дорои аҳаммияти баланди илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, натиҷаҳои бадастомада аз доираи таҳқиқоти назариявӣ берун рафта, қобили истифодаи воқеӣ дар рушди низоми ҳуқуқӣ ва идоракунии давлатӣ мебошанд.

Аҳаммияти илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ дар сатҳи умуминазариявӣ ва методологӣ таҳқиқ гардидаанд. Хулосаҳо ва ақидаҳои илмии пешниҳодшуда ба рушди назарияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, назарияи ҳуқуқэҷодкунӣ ва омӯзиши мақоми сарвари давлат дар механизми давлат мусоидат менамоянд. Мавод ва натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун заминаи илмӣ барои таҳқиқоти минбаъда дар самти назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, инчунин таҳияи рисолаҳои илмӣ ва корҳои тахассусӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар имконияти истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва идоракунии давлатӣ ифода меёбад. Таклифҳо оид ба такмили қонунгузорӣ, аз ҷумла дар самти дақиқ намудани мақоми фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, равшан сохтани истилоҳот ва такмил додани тартиби таҳия ва интишори онҳо, метавонанд дар раванди ислоҳоти ҳуқуқӣ ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда мавриди истифода қарор гиранд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои дахлдори ҳуқуқэҷодкунанда аҳаммияти амалӣ доранд.

Аҳаммияти иқтисодии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки такмили асосҳои ҳуқуқии фаъолияти Президент ва фармонҳои ӯ ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ, таъмини суботи ҳуқуқӣ ва пешгӯишавандагии сиёсати ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Ин омилҳо шароити мусоидро барои рушди иқтисодӣ, ҷалби сармоягузорӣ, ҳифзи ҳуқуқи моликият ва устувории муносибатҳои иқтисодӣ фароҳам меоранд. Фармонҳои меъёрии

сарвари давлат ҳамчун воситаи танзими фаврии муносибатҳои ҷамъиятӣ метавонанд дар ҳолатҳои зарурӣ холигии танзими ҳуқуқиро бартараф намуда, аз хисороти эҳтимолии иқтисодӣ пешгирӣ намоянд.

Аҳаммияти иҷтимоии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷомеа мусоидат мекунанд. Таҳлили нақши фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими суботи иҷтимоӣ ва рушди ҷомеаи ҳуқуқбунёд аҳаммияти иҷтимоии муҳими корро нишон медиҳад. Истифодаи натиҷаҳои диссертатсия дар раванди таълим ва маърифати ҳуқуқӣ метавонад ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон ва эътимод ба институтҳои давлатӣ мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, диссертатсия дорои аҳаммияти комплексӣ буда, натиҷаҳои илмии он метавонанд дар рушди илми ҳуқуқ, такмили қонунгузорӣ, идоракунии давлатӣ ва ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода шаванд.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Доир ба муҳтавои диссертатсия 6 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақола дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**8. Мутбиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Диссертатсия аз рӯйи шакл ва муҳтаво ба талаботи амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии

диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд.

Истинодҳо, рӯйхати адабиёт ва нашрияҳо бо риояи меъёрҳои илмӣ тартиб дода шудаанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар зербоби якуми боби якум муаллиф фармонҳои фардӣ ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон-ро асоснок ба гурӯҳи санадҳои ғайримеъёрии ҳуқуқӣ мансуб медонад, зеро онҳо меъёрҳои умумии ҳатмиро муқаррар намекунанд. Аз як ҷониб, таъкид мешавад, ки фармонҳои фардӣ ва амрҳо аз лиҳози табиати ҳуқуқӣ баробар мебошанд; аз ҷониби дигар, фармони фардӣ ҳамчун санади дорои эътибори «баландтар» арзёбӣ мегардад.

Дар илми ҳуқуқ мафҳуми «эътибори ҳуқуқӣ» одатан ё ҳамчун ҷойи санад дар иерархияи манбаъҳои ҳуқуқ, ё ҳамчун қувваи амалии таъсири он ба ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳо шарҳ дода мешавад. Агар сухан дар бораи иерархияи санадҳо равад, ҳарду навъи санад ба низоми манбаъҳои меъёрии ҳуқуқ дохил намешаванд ва аз ин лиҳоз фарқгузории онҳо ҳамчун “баландтар” ё “пасттар” бе асоси мушаххаси қонунгузорӣ имконнопазир аст. Агар мафҳуми мазкур дар маънои оқибати амалии ҳуқуқӣ истифода шавад, пас фарқи зикршуда хусусияти функсионалӣ дорад (ҳаҷми таъсири ҳуқуқӣ, доираи субъектҳо), на иерархӣ. Бинобар ин, зарурат ба аниқсозии мафҳумҳои зикршуда ва шарҳи онҳо дар ҷараёни ҳомояи диссертатсия ба миён меояд.

2. Дар зербоби 2 боби дуюми рисола муаллиф масъалаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, онро дар ду самт тавсиф мекунад: (1) ҳамчун қабули санадҳои меъёрии зерқонунӣ

(пеш аз ҳама фармонҳои меъёрӣ); (2) ҳамчун иштироки Президент дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ (амалисозии ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, имзо, баргардондани қонун, пешниҳоди лоиҳаи қонуни авф ва ғ.). Дар маҷмӯъ, ин равиши фарогир аз лиҳози тавсифӣ қобили қабул аст, зеро мақоми конститутсионии Президент дар воқеъ ҳам дар соҳаи санадҳои зерқонунӣ ва ҳам дар равандҳои қонунгузорӣ таъсир мегузорад. Бо вуҷуди ин, ин ақидаи муаллиф аз лиҳози илмӣ баҳснок аст, чунки ҳудуди мафҳуми «фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ»-ро васеъ намуда, омилҳои муайянкунандаи сарҳади илмии байни «ҳуқуқэҷодкунӣ» ва «қонунэҷодкунӣ»-ро мушаххас намекунад.

3. Дар таҳқиқот муаллиф ба масъалаи аҳаммияти муроҷиатҳо, суханрониҳо ва дастуру маслиҳатҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Пешвои миллат) таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дуруст таъкид мекунад, ки онҳо барои фаъолияти мақомоти давлатӣ аҳаммияти роҳнамоӣ ва ҳатмӣ доранд. Бо вуҷуди ин, дар таҳлили минбаъда мақоми ҳуқуқии ин падидаҳо дар доираи назарияи манбаъҳои ҳуқуқ мушаххас карда нашудааст. Муаллиф ба хусусияти ҳатмӣ доштани чунин муроҷиатҳо ишора мекунад. Айни замон таносуби ин хусусияти супоришҳо дар доираи ҳатмияти меъёрӣ-ҳуқуқӣ ё сиёсӣ-барномавию идоракунӣ баҳснок аст., Дар назарияи давлат ва ҳуқуқ фарқгузорӣ байни санади меъёрии ҳуқуқӣ, санади ҳуқуқтатбиқкунӣ, санади сиёсӣ-барномавӣ ва шаклҳои ғайрирасмии роҳнамоии давлатӣ равшан буда, ақидаи муаллиф оид ба моҳияти ин муроҷиатҳо ва суханрониҳо шарҳи иловагиро дар рафти ҳимояи диссертатсия талаб мекунад.

4. Ба ақидаи муаллиф фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ сарчашмаи ҳуқуқ буда, меъёрҳои ҳуқуқиро муқаррар мекунанд, тағйир медиҳанд ё қатъ мегардонанд ва аз ин хотир, муносибатҳои ҷамъиятиро бевосита танзим мекунанд» (саҳ. 44 диссертатсия). Айни замон муаллиф қайд мекунад, ки «нақши фармонҳои ғайримеъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар танзими як қатор муносибатҳо калон аст» (саҳ. 44). Ин ақидаи муаллиф аз нуқтаи илмӣ баҳснок аст, чунки фармонҳои ғайримеъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба мисли

фармонҳои меъёрӣ дар доираи сарчашмаҳои ҳуқуқ баҳогузорӣ менамояд. Дар ин ҳолат функсияҳои санадҳои меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ омехта карда мешаванд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ аҳамияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Зарифзода Шохрух Иззатулло дар мавзуи «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади иилмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтиоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
муовини аввал, муовини директори иҷроия
оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии
филиали Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоноосов дар шаҳри Душанбе А.М. Диноршоҳ

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1.
Тел.: (+992 93) 589 02 07, E-mail: a.dinorshoh@msu.tj

**Имзои А.М. Диноршоҳро тасдиқ менамоям:**
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои махсуси
филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи
М.В. Ломоноосов дар шаҳри Душанбе С.М. Пирназар

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1.
Тел.: (+992 37) 221 99 41, E-mail: info@msu.tj

«13» 02 соли 2026

ОТДЕЛ КАДРОВОЙ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ